# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фатулочони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти точик; равобити адабӣ.**

Рисолаи диссертант Фатулочони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» дар адабиётшиносии Тоҷикистон яке аз мавзуҳое мебошад, ки то имрӯз таҳқиқ нашудааст. Тавре диссертант маълум мекунад, ба ҷуз аз баъзе ишораҳои ҷузъие, ки дар баъзе аз китобҳои таърихи адабиёт, ки дар Тоҷикистон чоп шудаанд, доир ба ин шоир дар адабиётшиносии мо ишорае нест. Бино бар ин, интихоб ва таҳқиқи ин мавзуъ аз ҷониби диссертант Умарзода Ф. боиси таҳсин аст, зеро рӯзгору осор, таҳқиқи хусусиятҳои маънoӣ ва шаклии ғазал ва дигар паҳлуҳои эҷодии ин шоир бори аввал аз ҷониби ӯ вориди муомилоти илмӣ мешавад.

Як назари кӯтоҳ ба матни автареферати диссертатсия маълум мекунад, ки диссертант ба мавзуи мавриди назар комилан вориду ошност. Ӯ аз назари таҳқиқӣ мушикофона ба мавзуъ ворид гардида, аз шеваҳои таҳлили адабиётшиносӣ ва натиҷагириҳои илмии дигар муҳаққиқон огоҳ аст.

Ҳангоми таҳқиқи масоили ба миёнгузошта ва ҳалли дурусту илмии онҳо диссертант ба оро ва андешаҳои адабиётшиносони дохиливу хориҷӣ такя намуда, барои пиёда кардани аҳдофи худ муваффақ гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «Зиндагинома ва мероси адабии Ҳумоми Табрезӣ» номгузорӣ шудааст, аз ду фасл ва ду зерфасл иборат аст.

Дар фасли аввали ин боб, ки “Шарҳи ҳоли илмии Ҳумоми Табрезӣ” унвон дорад, диссертант дар натиҷаи таҳқиқу таҳлили иттилои сарчашмаҳо, тазкираҳо, таърихномаҳо ва осори илмии муосир тарҷумаи ҳоли шоирро таҳқиқ кардааст ва бо бархурдҳои муадабона бо муаллифони баъзе аз китобҳо ҳақиқатҳоеро дар мавриди соли таваллуд ва вафоти шоир ба субут расонидааст.

Фасли дуюми боби аввал – «Мероси адабии шоир» аз ду зерфасл иборат аст. Диссертант дар ин фасл дар бораи нусхаҳои хатии девони шоир, замони истинсохи онҳо, мавҷудияти онҳо дар китобхонаҳои муътабари дунё ва нусахи чопии он баҳс карда, миқдори абёти девон ва таркиби жанрии онро таҳқиқ кардааст.

Боби дуюми диссертатсия “Мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ”унвон дошта, аз чаҳор фасл иборат аст. Фасли якуми ин боб “Шеваҳои офариниши маънӣ дар қолаби ғазал” унвон дорад ва дар ин фасл

диссертант ақоиди суханшиносони рус, аврупо ва эронро оид ба вожаи “маънӣ” ва шарҳу эзоҳу баҳси онҳо оид ба ин масоили муҳимро оварда, аз ин дидгоҳ назари хешро оид ба маъниҳо ва мотивҳои ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ баён доштааст. Диссертант доир ба ин масъала таҳқиқи илмӣ бурда, бо дар диссертатсия бо намунаҳои шеърӣ нишон додааст. Маъниофарии бадеӣ, нигоҳи наву тозаи шоир ба ҳунарсозаҳои шоирони қаблӣ, назари шаклгароёни рус оид ба ошноизудоӣ ё аҷибсозӣ аз масъалаҳое мебошанд, ки диссертант ба онҳо таваҷҷуҳ кардааст.

Фасли дувуми боби дуюми диссертатсия “Ишқ дар ғазалиёти шоир” унвон дорад. Диссертант дар ин фасл мазмуну мундариҷа, рангорангии мавзуи ғазалиёти шоир, хосса, тараннуми ишқи поки ҳақиқӣ ва орифонаи шоирро баён доштааст.

Фасли сеюми ин боби диссертатсия “Мадҳ дар ғазал” ном дошта, муҳаққиқ ишора ба он дорад, ки ғазалҳои мадҳии шоир, ки аз рӯи ихлосу қадрдонӣ ба подшоҳону амалдорон ва вазирон бахшидааст, на аз рӯи силаву тамаъ, балки аз рӯйи ирода ва ихлоси шоир ба ашхоси муътабаре бахшида шудаанд.

Фасли чаҳоруми ин боб “Афкори дидактикии шоир” унвон дорад. Диссертант дар ин боб аз ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ, ки мазмуни тарбия ва насиҳатӣ доштаанд ва барои ислоҳи ахлоқи аҳли ҷомеа нигаронида шудаанд намунаҳо оварда, таҳқиқ кардааст.

Боби сеюми диссертатсия “Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ” ном дошта, аз панҷ фасл иборат аст. Фасли аввали ин боб “Устухонбандӣ” номгузорӣ шуда, дар он ҳунари шоирии Ҳумоми Табрезӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, ҷиҳатҳои шаклии ғазалҳои шоир, аз ҷумла, теъдоди абёт, вазну қофия, радиф ва ғайра, ҳамчунин, ақидаи донишмандон оид ба сохту ҳаҷми ғазал, ҳаҷми байтҳои ғазали шоир, истифодаи тахаллус дар ғазалиёти шоир мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, ғазалҳои шоир аз рӯйи сохтори бадеӣ низ омӯхта шудаанд ва муҳаққиқ ҳангоми навиштани ин зерфасл бо баъзе аз олимону донишмандон баҳсҳои боодобонае намуда, сидқи нуқтаи назари худро исбот кардааст.

Фасли дувуми боби сеюм “Ҷанбаҳои мусиқоии каломи шоир” ном дорад. Диссертант дар ин фасл ҷанбаҳои мусиқоии шеърро, ки аз вазни шеър, қофияву радиф, такрору эънот, нағмаи ҳуруф ва дигар санъатҳои лафзӣ иборат мебошанд, таҳқиқ кардааст.

Фасли сеюми ин боб “Вазн” ном дошта, дар он авзони ҳамаи ғазалҳои шоир таҳқиқ шуда, аз рӯйи басомад оварда шудаанд. Диссертант дақиқ кардааст, ки шоир дар 27 вазн ва 9 баҳри аруз ғазал сурудааст.

Фасли чаҳоруми боби сеюм “Қофия ва радиф” номгузорӣ шуда, диссертант дар ин фасл таърифи ададӣ қофияро аз ҷониби адабиётшиносу муҳаққиқон ва тарзи истифадаи қофияҳо ва радифро дар ғазалҳои шоир муайну баррасӣ намудааст.

Фасли панҷуми боби сеюм “Ороёҳои бадеӣ” унвон дорад. Диссертант дар ин фасл дар хусуси ороёҳо ва ҳунарсозаҳои бадеии дар ғазалҳои шоир истифодашуда, аз маҳорату истеъдоди ғазалсароии шоир тавассути кор гирифтан аз санъатҳои маънавии бадеӣ, ба мисли ташбеҳ, истиора, тавсиф, маҷоз, таззод, талмеҳ ва иҳом, ки шеъри шоирро муассиру ҷаззоб намудаанд, таҳқиқ анҷом додааст.

Хулосаи автореферати диссертатсия аз 10 банд иборат буда, дар ҳар як бахши он матолиби асосии диссертатсия ва муҳтавои асосии фаслҳои се боби он ба таври мушаххас ва дилхоҳ натиҷагирӣ карда шудааст. Зикри манобеи муҳимми илмию адабӣ, сарчашмаҳо, адабиёти илмии зарурӣ аз он дарак медиҳад, ки унвонҷӯ мутолиаи фарох доир ба мавзуи таҳқиқи хеш дорад ва барои анҷоми он аз муҳимтарин пажӯҳишҳои дар Тоҷикистон ва берун аз он анҷомёфта босамар истифода кардааст.

Дар баробари чунин арзишҳои муҳимми илмӣ, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки бартараф намудан ва ё ба эътибор гирифтани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1.Аз ҷараёни баррасии анҷомёфта маълум мешавад, ки унвонҷӯ таваҷҷуҳи хешро, асосан, ба осори Ҳумоми Табрезӣ равона кардааст, агар дар доираи таҳқиқи мавзуи суратгирифта ба таҳқиқи қиёсии ин масъала бо шоирони дигар низ сурат мегирифт, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам бештар мегардид.

2.Дар автореферати диссертатсия оид ба боби дувум ва фаслҳои он таҳлилҳо камтар сурат гирифтаанд.

3.Дар автореферати диссертатсия таҳлилҳои зиёд оид ба ғазалҳои шоир оварда шудааст, аммо диссертант фақат ба овардани як байт барои мисол кифоят кардааст. Беҳтар мебуд, ки аз ашъори шоир дар доираи як чанд байт ё порчаҳои кутоҳ ба таври намуна дар фаслу бобҳо оварда мешуд.

4.Дар диссертатсия ҳарчанд камтар аст, вале ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки бартараф намудани онҳо арзиши диссертатсияро боз ҳам боло мебарад.

Албатта, камбудиҳои зикршуда ба ҳеч ваҷҳ арзиш ва аҳамияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Ба таври умум, метавон бо итминон изҳор дошт, ки диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» таҳқиқоти тозае дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад, ки бори аввал бо чунин вусъат ва густурдагии таҳқиқ ба анҷом расидааст.

Хулоса, ҳам диссертатсия ва ҳам автореферати Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳо, сармутахассиси шуъбаи
таълим ва мониторингии сифати таҳсилоти
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов Миралиева С.Т.
4 январи соли 2025.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Ҷ. Расулов, бинои 55/5, ҳуҷраи 30
Тел.: (+992) 001013468
E-mail: ssano4258@gmail.com

Имзои Миралиева Сарварбӣ Толибовнаро
тасдиқ мекунам: и.в. сардори раёсати кадрҳо,
ҳуқуқ ва коргузории Донишкадаи тарбияи
ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Шерализода З. Ш.

Суроға: 734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Луҷоб, 53.
Телефон: (+992-37) 224-73-77; факс: 224-73-77.
Сомонаи расмӣ: dtjt.tj
4 январи соли 2024.